ШИРКАТИ САҲОМИИ
ХОЛДИНГИИ КУШОДАИ
«БАРҚИ ТОҶИК»

ХАДАМОТИ ЗИДДИИНҲИСОРИИ
НАЗДИ ҲУКУМАТИ
ҶУМҲУРИИ ТОИКИСТОН

**Дар асоси банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2017 таҳти №412 «Дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ» Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» Нархнома (Прейскурант) – и №09-01-2017 «Тарифҳои нерури барқ ва гармӣ» – ро дар таҳрири нав таҳия намуданд.**

# НАРХНОМА

**№09-01-2017**

## ТАРИФҲО
**барои неруи барқ ва гармӣ**

Аз 1 октябри соли 2017 амалӣ мешавад

ДУШАНБЕ – 2017

## Тарифҳои неруи барқ ва гармӣ

| № | Неруи барқ | Дирам ба 1 кВт. соат |
|---|---|---|
| 1. | Барои истифодабарандагони саноатӣ ва ғайрисаноатӣ | 40,99 |
| 2. | Барои истифодабарандагони соҳаи буҷетӣ, соҳаҳои коммуналӣ ва иншооти варзишӣ | 16,85 |
| 3. | Барои наклиёти барқӣ | 16,85 |
| 4. | Барои насосҳои қубурҳои об ва истгоҳҳои насосҳои обёрии мошинӣ, базаҳои таъмирию истеҳсолии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>– аз 1 апрел то 30 сентябр<br>– аз 1 октябр то 31 март | <br><br>5,86<br>16,85 |
| 5. | Барои чоҳҳои амудии мелиоративӣ ва пойгоҳҳои обкашии мелиоративӣ | 5,86 |
| 6. | Барои аҳолӣ бо назардошти ААИ | 16,85 |
| 7. | Барои истифодаи энергияи барқ дар деғҳои барқӣ ва дастгоҳҳои барқӣ, бо мақсади таъмини оби гарм ва гармкунии биноҳо:<br>– барои бахши ғайрибуҷетӣ<br>– барои мақомоту муассисаҳои буҷетӣ | <br><br>101,54<br>30,015 |
| 8. | Барои ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Комбинати металлургии Тоҷикистон":<br>– аз 1 май то 30 сентябр<br>– аз 1 октябр то 30 апрел | <br><br>7,20<br>40,99 |
| | **Неруи гармӣ** | **Сомонӣ ба 1 Гкал.** |
| 1. | Барои муассисаҳо ва мақомоти идоракуние, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ мешаванд | 58,65 |
| 2. | Барои харидорони яклухте, ки энергияи гармиро ба аҳолӣ интиқол медиҳанд | 7,63 |
| 3. | Барои ҳамаи истифодабарандагони боқимонда | 225,74 |

*Эзоҳ: - Нархҳо бе дарназардошти андоз аз арзиши иловашуда ба ғайр аз аҳолӣ ва насосҳои обкашӣ, пойгоҳҳои обёрии мошинӣ, чоҳҳои амудии мелиоративӣ, пойгоҳҳои обу кореэӣ, базаҳои таъмирию истеҳсолии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.*



# ҚИСМИ 1. ТАРИФҲО БАРОИ НЕРУИ БАРҚ

## 1.1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1.1. Тарифҳои Нархномаи мазкур барои неруи барке, ки аз тарафи таъминкунандагони ташкилотҳои фурӯши барқ ва муассисаҳои Ширкати саҳҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» бевосита ва ҳамчунин, тавассути шабакаҳои истифодабарандагони асосӣ интиқол медиҳанд, муқаррар карда мешавад.

1.1.2. Нархномаи мазкур барои истифодаи ҳисобкунӣ ҷиҳати истифодаи неруи барқ ба ҳама гурӯҳҳои истифодабарандагон, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидаанд, муҳим мебошад.

1.1.3. Истифодабарандагони неруи барқ инҳо мебошанд: муассисаҳо, ташкилотҳо, идораҳо, корғоҳҳои ҳудудии мустақил, иншоот, майдонҳои сохтмонӣ, ҳама манзилҳои истиқоматии ба шабакаҳои барқ пайвастшуда ва истифодакунандагони неруи барқ, ки бо ёрии қабулкунакҳои неруи барқ пайваст ҳастанд.

1.1.4. Пардохт барои 1 кВт.соат аз ҳисоби неруи барқи фаъоли истифодабарандагон, ҳисобу китоби ҳисобкунакҳо ба ҷониби шиддати аввалияи трансформатори асосии муштариён муқаррар карда шудааст.

Агар ҳисобкунакҳо ба ҷониби шиддати дараҷаи дуюм, яъне баъди трансформатори асосии муштариён насб карда шуда бошад, дар он сурат нишондод дар нархнома барои пардохти 1 кВт.соат неруи барқи ба истифодабарандагон интиқолшуда, ҳангоми ҳисобу китоб бо муштариён ба андозаи (коэффициент) 1,025 зарб карда мешавад.

1.1.5. Истифода намудани тарифҳо барои неруи барқ бо истеъмолкунандагон новобаста аз шакли моликият ва мансубияти тобеъиятӣ амалӣ карда мешавад.

## 1.2. ГУРӮҲҲОИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОН

**Ҳамаи истифодабарандагони неруи барқ ба чунин гурӯҳҳо тақсим шудаанд:**

**Гурӯҳи I** – истифодабарандагони саноатӣ, ғайрисаноатӣ, кишоварзӣ ва ба онҳо баробаркардашуда;

**Гурӯҳи II** - истифодабарандагони соҳаи буҷетӣ, муассисаҳои хоҷагиҳои коммуналӣ ва нақлиёти барқӣ;

**Гурӯҳи III** - насосҳои обгузар, истгоҳҳои насосҳои обёрии мошинӣ ва чоҳҳои амудии мелиоративӣ ва пойгоҳҳои обкашии мелиоративӣ;

**Гурӯҳи IV** - аҳолӣ, нуқтаҳои аҳолинишин ва хобгоҳҳо.

## 1.3. ТАРТИБОТИ ИСТИФОДАИ ТАРИФҲО

### ГУРӮҲИ I

1.3.1. Таҳвили неруи барқ ба истифодабарандагони саноатӣ, ғайрисаноатӣ, кишоварзӣ ва ба онҳо баробаркардашуда, новобаста аз пайвастшавии иқтидор тибқи тарифи зерин амалӣ карда мешавад:

зергурӯҳи А - барои ҳама истифодакунандагоне, ки дар маблағгузории буҷетӣ қарор надоранд - ***40,99 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ);***

зергурӯҳи Б - истифодакунандагоне, ки дар маблағгузории буҷетӣ қарор доранд - ***16,85 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ);***

**Пардохти тарифи истифодабарандагони соҳаи буҷетӣ, танҳо ҳангоми мавҷудияти ҳуҷҷати расмӣ, ки бо мӯҳри нишондори (гербовой) Вазорати молия аз он хусус, ки муассиса (ташкилот) дар маблағгузории буҷетӣ қарор дорад ва бо нишон додани ҳаҷми маблағи пешбинишуда барои истифодаи барқ тасдиқ карда шудааст, амалӣ карда мешавад. Ҳисоб тибқи тарифи мазкур аз лаҳзаи пешниҳоди гардидани ҳуҷҷати мазкур амалӣ карда мешавад.**

1.3.2. Феҳристи истфодабарандагони ба гурӯҳи I дохилшуда дар Замимаи №1 ҳамин Нархнома нишон дода шудааст.

1.3.3. Барои ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Комбинати металлургии Тоҷикистон":

– аз 1 май то 30 сентябр аз рӯи тарифи **7,20** ***дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ);***

– аз 1 октябр то 30 апрел аз рӯи тарифи **40,99** ***дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ).***

1.3.4. Нерӯи барқ аз тарафи муассисаҳое, ки барои интиқоли об ҷиҳати мақсадҳои технологӣ сарф мекунанд, тибқи тарифи ба ин муассиса муқарраршуда пардохт карда мешавад.



1.3.5. Коргоҳҳои алоҳида ё иншооте, ки аз истифодабарандагони асосӣ дар мустақилият ҷойгир шудаанд ва бо онҳо шабакаҳои таксимотии якҷоя надоранд, пардохти истеъмоли нерӯи барқ тибқи тарифи муқарраршудаи мувофиқ барои гурӯҳҳои истифодабарандагон новобаста аз тарифе, ки барои ҳисобу китоби истифодабарандагони асосӣ қабул шудааст, гузаронида мешавад.

1.3.6. Нерӯи барқе, ки барои обгармкунӣ ва буғҳосилкунӣ дар корҳои технологӣ сарф карда мешавад, тибқи тарифи **40,99** ***дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ)*** пардохт карда мешавад.

1.3.7. Интиқоли нерӯи барқ барои эхтиёҷоти истеҳсолии корхонаҳое, ки бо оҳангудозӣ ва гармкунии металл машғуланд, ***бо тарифи 50,84 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ)*** амалӣ карда мешавад.

1.3.8. Гимназияҳои шахсӣ, мактабҳо ва литсейҳое, ки ба системаи ягонаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд (Қонун «Дар бораи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон») ва ба маблағгузории буҷет мансуб нестанд; боғчаҳои бачагона ва дигар муассисаҳои кӯдакона, ки ба сохтори Вазорати маориф дохил нестанд ва аз буҷети сатҳҳои мухталиф маблағгузорӣ намешаванд; хонаҳои бачагон, хона-парваришгоҳ, хонаҳои пиронсолон; муассисаҳои фарҳангии динӣ (масҷид, серков, калисо) ва дигар муассисаҳое, ки фаъолияти тиҷоратӣ надоранд, вале аз ҳисоби фондҳои башардӯстона маблағгузорӣ мешаванд, ҳаққи нерӯи барқи истифодакардаашонро тибқи тарифи миёна барои зергурӯҳҳои А ва Б – ***28,67 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ)*** пардохт мекунанд.

1.3.9. Интиқоли нерӯи барқ барои мактабҳои варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ, толорҳои варзиш ва дигар иншоотҳои варзишӣ ***бо тарифи 16,85 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ)*** амалӣ карда мешавад.

### ГУРӮҲИ II

1.3.10. Таҳвили неруи барқ барои муассисаҳои буҷетӣ ва хоҷагиҳои коммуналӣ тибқи тарифи ***16,85 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ)*** пардохт карда мешавад.

*Ба муассисаҳои хоҷагии коммуналӣ ва нақлиёти барқӣ мансубанд:*

– хонаҳои либосшӯӣ, козургарии кимёвӣ, ки дар тавозуни идораи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд;

– иттиҳодияҳои истеҳсолии бисёрсоҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, комбинатҳои коммуналии муассисаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ;

– муассисаҳои байниноҳиявии хоҷагиҳои манзилию коммуналӣ;

– идораи обу коррезии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва минтақаҳои онҳо;

– иншоотҳои тозакорӣ;

– муассисаҳои шабакаҳои гармидиҳии вилоятӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ;

– идораи обу коррезии байни ноҳиявӣ ва истеҳсолӣ;

– муасссисаҳои таъминкунандаи чароғоннамоии кӯчаҳои шаҳр, ноҳия ва маҳаллаҳои аҳолинишин.

*Эзоҳ: Таҳвили неруи барқ ба корхонаҳо, ташкилотҳо муассисаҳо ва идораҳое, ки дар маблағгузории буҷетӣ қарор доранд, мувофиқи зербанди Б банди 1.3.1. Нархномаи мазкур амалӣ карда мешавад.*

1.3.11. Таҳвили неруи барқ барои нақлиёти барқӣ барои кашида бурдани (тягач) бо назардошти чароғоннамоӣ ва эҳтиёҷоти дигари зеристгоҳҳои кашанда ва роҳҳо тибқи тарифи ***16,85 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ)*** пардохт карда мешавад.

## ГУРӮҲИ III

1.3.12. Таҳвили неруи барқ ба насосҳои обгузар, насосҳои обкашии обёрӣ ва истгоҳҳои насосҳои обёрии мошинӣ, новобаста аз шакли моликият ва мансубияти идоравиашон, инчунин базаҳои таъмирию истеҳсолии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тарифҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– аз 1 апрел то 30 сентябр тибқи тарифи ***5,86 дирам барои 1 кВт.соат (бо назардошти ААИ);***

– аз 1 октябр то 31 март тибқи тарифи ***16,85 дирам барои 1 кВт.соат (бо назардошти ААИ).***

Ба гурӯҳи истифодакунандагони мазкур шомил ҳастанд:

– истгоҳҳои насосҳои обкашии мошинҳои обёрӣ;

- обгузарҳои хоҷагии кишоварзӣ;

– истгоҳҳои насосии обу коррезӣ;

– насосҳои интиқоли об барои аҳолӣ;



– насосҳои интиқоли об (бо иқтидори зиёда аз 5 кВт) барои нуқтаҳои аҳолинишине, ки мақомоти маҳаллӣ (ҷамоатҳо) муқаррар намудааст ва онҳо дар тобеияти хоҷагии коммуналӣ мансуб нестанд;

– базаҳои таъмирию истеҳсолии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

1.3.13. Таҳвили неруи барқ барои чоҳҳои амудии мелиоративӣ ва пойгоҳҳои обкашии мелиоративӣ, ки барои паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ дар давоми сол хизматрасонӣ мекунанд, мувофиқи тарифи ***5,86 дирам барои 1 кВт.соат (бо назардошти ААИ)*** амалӣ карда мешавад.

1.3.14. Неруи барқ барои насосҳои фаръӣ ҷиҳати интиқоли об (иқтидораш то 5 кВт) ва таъмини эҳтиёҷоти маишию хоҷагидории аҳолӣ таҳвилшуда тибқи тарифи ***16,85 дирам барои 1 кВт.соат (бо назардошти ААИ)*** пардохт карда мешавад.

1.3.15. Барои истгоҳҳои обкашии шоҳроҳи оби нӯшокии водии Оби Киик, ки дар тавозуни хоҷагии деҳқонии "Асадулло" мебошанд, таҳвили неруи барқ аз рӯи тарифи ***1,5 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ)*** то 1 январи соли 2022 амалӣ карда шавад.

*Эзоҳ: - Таҳвили неруи барқ ба истгоҳҳои обкашӣ ҷиҳати интиқоли об ба фавvoраҳо тибқи тарифе, ки дар муассисаҳои он фавvoраҳо тобеъ аст, гузаронида мешавад.*

## ГУРӮҲИ IV

1.3.16. Таҳвили неруи барқ ба аҳолӣ ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот тибқи тарифи **16,85 *дирам барои 1 кВт. соат (бо назардошти ААИ)***, новобаста аз ҳаҷми қувваи барқи истифодашуда амалӣ карда мешавад.

Тибқи тарифи мазкур неруи барқи истифода намудаи аҳолӣ, барои эҳтиёҷоти маишӣ дар биноҳои истиқоматӣ, манзилҳои зист, хобгоҳҳои оилавӣ, қитъаҳои боғӣ ва бошишгоҳҳо пардохт карда мешавад.

Ба эҳтиёҷоти маишӣ шомил аст:

- равшан намудани хона, бино, гараж, саҳни ҳавлӣ бошишгоҳ ва қитъаҳои замини назди бошишгоҳ;

- тайёр намудани хӯрок ва истифодаи асбобҳои мошинии барқӣ;

- гарм намудани хонаи истиқоматӣ тавасути асбобҳо ва таҷҳизотҳои гармидиҳандаи каммасрафи барқии стандартӣ, ки бевосита ба ҳисобкунаки якфазаи барқии хонаҳои истиқоматӣ пайваст карда мешаванд ва иқтидори то 5,0 кВт – ро ташкил медиҳанд (фарши гарм, таҷҳизотҳои гармкунии хонаҳо тавасути системаи обгармкунӣ, кондитсионерҳо, термекс ва ғайра).

1.3.17. Неруи барқе, ки дар биноҳои шахсӣ, хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои аз нав таҷҳизонида, ба сохтори тиҷоратӣ ва ба идораҳои корӣ табдилдодашуда (резидентсия намояндагони хориҷӣ ва ширкатҳои гуногун), коргоҳҳои хурди фаъолияташон фаръию меҳнатӣ, мағозаҳо, ҳамчунин барои эҳтёҷотӣ устохонаҳои шахсии рассомон, ҳайкалтарошон ва ғайраҳо истифода бурда мешавад, тибқи тарифи ***40,99 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ)*** пардохт карда мешавад.

1.3.18. Таҳвили неруи барқе, ки ба нуқтаҳои аҳолинишини шаҳр ва деҳот, ҳамчунин боғиштоҳҳо ва кооперативҳои сохтмонӣ, иттиҳодияи рафиқонаи боғпарварӣ, ташкилотҳои манзилию баҳрабардорӣ ва хобгоҳҳо, ки бо ташкилотҳои таъминкунандаи неруи барқ тибқи ҳисобкунаки умумӣ ҳисоб карда мешаванд (истифодабарандагони яклухт ба ҳисоб мераванд) тибқи тарифи ***16,85 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ)*** пардохт карда мешавад.

*<u>Эзоҳ:</u> 1.Неруи барқи сарфнамудаи ташкилотҳои манзилию баҳрабардорӣ дар биноҳои истиқоматӣ барои фаъолияти лифтҳо ва равшан намудани даромадгоҳҳо ва роҳравҳо тибқи тарифи* ***16,85 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ)*** *пардохт карда мешавад.*

*2. Оилаҳои намояндагии хориҷӣ барои неруи барқи бо мақсади эҳтиёҷоти маишӣ истифодашударо дар ҳолати вуҷуд доштани ҳисобкунаки алоҳидаи барқи бо тарифи* ***16,85 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ),*** *дар ҳолатҳои дигар бо тарифи* ***40,99 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ)*** *пардохт менамоянд.*

1.3.19. Ҳисоби неруи барқи истифода намудаи муассисаҳои саноатӣ, ташкилот ва идораҳо, корхонаҳои шахсӣ, ҳамчунин



хобгоҳҳои ХМК (ЖКХ) дар деғҳои барқӣ, (бойлерҳои барқӣ, генераторҳои буғӣ), дигар лавозимоте, ки бо барқ гарм мешаванд ва иқтидори таъминотии онҳо аз 2,5 кВт болост, ки барои таъминоти оби гарм, гарм намудани биноҳои коргоҳҳои истеҳсолӣ ва барои эҳтиёҷоти санитарию маишӣ (душ, гармоба, ҳамом) муқаррар карда шудаанд, тибқи тарифҳои зерин пардохт карда мешаванд:

зергурӯҳи А - барои ҳама истифодакунандагоне, ки дар маблағгузории буҷетӣ қарор надоранд ***101,54 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ);***

зергурӯҳи Б - истифодакунандагоне, ки дар маблағгузории буҷетӣ қарор доранд, инчунин барои мактабҳои варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ, толорҳои варзиш ва дигар иншоотҳои варзишӣ – ***30,015 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ).***

*Эзоҳ: истифодабарии неруи барқ аз тарафи аҳолӣ дар хонаҳои истиқоматӣ барои таҷҳизотҳои барқӣ – гармидиҳӣ бо иқтидори зиёда аз 2,5 кВт барпои ташноб, гармоба ва ҳамом бо тарифи* ***101,54 дирам барои 1 кВт.соат (бе назардошти ААИ) пардохт карда мешавад.***

## 1.4. КАМ КАРДАН (ИЛОВА НАМУДАН) БА ТАРИФИ НЕРУИ БАРҚ

1.4.1. Кам кардани (илова намудан) неруи барқ барои ҷуброни иқтидори реактивӣ ва неру дар ҳисобу китоб бо истифодакунандагони гурӯҳи 1, ки талаботи миёнаи моҳона дар як нуқтаи баҳисобгирӣ 15 ҳазор кВт.соат, ё аз он зиёд амалӣ карда мешавад. Кам кардан (илова намудан) барои ҷуброни иқтидори реактивӣ ва энергия (Замимаи №2) дар асоси маълумоти асбобҳои баҳисобгирии иқтидори реактивӣ ва энергия муайян карда мешавад, дар шакли пардохт барои 1 кВар сарбории максималӣ, ё пардохт барои 1 кВар с. нерӯи барқи истифодашуда ситонида мешавад.

1.4.2. Илова намудан ба системаи энергетикӣ ҳангоми ба истифодабарандагон таҳвил намудани иқтидори реактивӣ ва энергия дар соатҳои сарбории зиёди шабакаҳои барқӣ, ки аз он истифодабарандагон таъмин мешаванд ва ҳангоми аз тарафи истифодабарандагон тавлид намудани энергияи реактивӣ ба ин шабака дар соатҳои сарбории кам истифода амалӣ карда мешавад.

1.4.3. Кам кардан аз тарифи системаи энергетикӣ ҳангоми генератсияи энергияи реактивӣ ба истифодабарандагон ба шабакаҳои системаи энергетикӣ, дар соатҳои сарбории зиёди шабакаҳои барқӣ ва ҳангоми истифодаи энергияи реактивӣ аз шабакаҳои системаи энергетикӣ дар соатҳои кам будани сарбории шабакаҳои барқӣ амалӣ мешавад, дар он ҳолате, ки зарур будани чунин речаи кории истифодабарандагон дар шартнома муқаррар шудааст; Агар зарурияти речаи кории истифодабарандагон дар бандҳои 1.4.1 қайд шуда, муайян карда нашудааст, он гоҳ ба кам кардани тариф аз системаи энергетикӣ имкон дода намешавад, аммо илова кардан ба тариф, ки дар замимаи №2 нишон дода шудааст, дар ҳама давраҳои ҳисоботӣ бе чудокунии он ба соатҳои сарбории кам ё зиёди шабакаҳои барқӣ истифода бурда мешавад.

1.4.4. Соатҳои каму зиёди сарбории шабакаҳои барқиро системаи энергетикӣ муқаррар мекунад.

1.4.5. Кам кардани тариф аз чониби системаи энергетикӣ ҳангоми бастани шартнома бо истифодабарандагони яклухт харидкунанда-фурӯшандаҳои нерӯи барқ амалӣ карда мешавад.

## КИСМИ II. <u>ТАРИФҲО БАРОИ НЕРУИ ГАРМӢ</u>

### 2.1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

2.1.1. Тарифҳои қисми мазкури Нархнома, ки барои неруи гармии тавлиднамудаи ташкилот ва муассисаҳои таъминкунандаи неруи гармӣ истифодабарандагони азим – миёнаравон амалӣ карда мешавад.

2.1.2. Барои истифодабарандагон, ки неруи гармиро бо мақсади гарм намудан, ҳавотозанамоӣ, эҳтиёчоти технологӣ ба даст меоранд, дар Нархномаи мазкур аз рӯи намуди тафриқаи барандагони гармӣ муқаррар карда шудааст.

Истифодабарандагони неруи гармӣ (оби гарм ва гармнамоӣ) ба гурӯҳҳои зерин чудо карда шудаанд;

Гурӯҳи I - идора ва мақомоте, ки аз ҳисоби маблағи буҷетӣ таъмин карда мешаванд;

Гурӯҳи II - истифодабарандагони яклухт, ки таҳвилдиҳандаи неруи гармӣ ба аҳолӣ ҳастанд;

Гурӯҳи III - боқимонда ҳама истифодабарандагоне, ки ба гурӯҳи I ва II шомил нестанд;



Таҳвили неруи гармӣ дар шакли буғ, тибқи тарифи Замимаи №3 Нархномаи мазкур пардохт карда мешавад.

### 2.2. ШАРТҲОИ ИСТИФОДАИ ТАРИФҲО БАРОИ НЕРУИ ГАРМӢ

2.2.1. Тарифҳои дар Нархномаи мазкур нишондодашуда ғайр аз аҳолӣ, брои ҳисобӣ намудан бо ҳамаи истифодабарандагон (барои эҳтиёчоти коммуналию маишӣ) татбиқ карда мешавад.

Ҳангоми таҳвили неруи гармӣ аз тарафи ташкилотҳои таъминкунандаи гармӣ ба аҳолӣ бевосита ба бошандагони хонаҳои истиқоматӣ, ки моликияти хусусии онҳо аст, (барои эҳтиёчоти коммуналию маишӣ) ҳисоби неруи гармӣ тибқи ҳаққи пардохти марказӣ гармидиҳӣ ва таъминоти оби гарм, ки дар ҳудуди ҳамон нуқтаҳои аҳолинишин воқеъ аст, амалӣ мешавад.

### 2.3.ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ЯКЛУХТ-МИЁНАРАВОН (ГУРӮҲИ III)

2.3.1. Ба истифодабарандагони яклухт-миёнаравони ташкилотҳои тобеъи ШСХК «Барқи Тоҷик» набуда, муассисаҳои махсусгардонидашудаи бо ҳисоби худӣ, ё корхонаҳои тобеъи ҳисоби худӣ, ки дар тавозуни худ шабакаҳои гармидиҳӣ доранд ва хариди яклухтро аз ташкилотҳои таъминкунандаи энергия, истгоҳҳои гармидиҳӣ (дегхонаҳо) ва хариду фурӯши онҳоро ба истифодабарандагони мухталиф амалӣ менамоянд, ба ҳисоб мераванд.

2.3.2. Ташкилотҳои таъминкунандаи энергия ва истгоҳҳои гармидиҳии (дегхонаҳо) ШСХК «Барқи Тоҷик» неруи гармиро ба истифодабарандагони яклухт-миёнаравон таҳвил менамоянд.

– барои муассиса ва мақомоти идорӣ, ки дар ҳисоби маблағи буҷетӣ қарор доранд (гурӯҳи I) барои 1 Гкал дар ҳаҷми ***58,65 сомонӣ маблағ (бе назардошти ААИ)*** пардохт менамоянд;

– барои аҳолӣ (гурӯҳи II) аз рӯи тарифи ***7,63 сомонӣ барои 1 Гкал (бе назардошти ААИ)*** пардохт менамоянд;

2.3.3. Истифодабарандагони асосӣ (гурӯҳи III) тавассути шабакаҳои ШСХК «Барқи Тоҷик» таҳвил намудани неруи гармӣ, бо системаи энергетикӣ, ҳамчунин ба муштариёни фаръӣ тибқи

тарифи ба *1 Гкал 225,74 сомонӣ (бе назардошти ААИ)* пардохт карда мешавад.

---

**Эзоҳ:** 1. Нархномаи мазкур дар асоси банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2017, №412 аз ҷониби Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати соҳомии кушодаи "Барқи Тоҷик" аз "___" ______ соли 2017 дар таҳрири нав таҳия шудааст.

2. Бо амалӣ намудани Нархномаи мазкур, Нархномаи 09-01-2016 "Тарифҳои неруи барқ ва гармӣ" бо ҳамаи тағйироту иловаҳо аз эътибор соқит карда шаванд.

**Замимаи №1**

Ба Нархномаи <u>№09-01-2017</u>

***<u>Ба истифодабарандагони гурӯҳи I мансуб ҳастанд</u>*:**

– иттиҳодияҳои истеҳсолию саноатӣ, корхонаҳои муштарак, давлатӣ ва шахсӣ (фирмаҳо), аз ҷумла кооперативҳои фаръӣ, истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, хоҷагиҳои рафиқонаи хусусияти истеҳсолидошта (пурра, боваринок, саҳҳомӣ), иттиҳодияҳое, ки хусусияти истеҳсолӣ доранд ва масъулияташон маҳдуд буда, моликияти иловагӣ низ доранд; ҷамъиятҳои кушода ва пӯшидаи саҳҳомӣ, фаръӣ ва вобаста;

– заводҳо (аз ҷумла таъмирӣ, заводҳои таҷрибавӣ, ташкилотҳои илмию тадқиқотӣ, ки аз ҳисоби хоҷагидорӣ (хозрасчёт), комбинатҳо, фабрикаҳо, шахтаҳо, конҳои маъдан, маъданҳои рӯи замин, буришҳои кӯҳӣ, конҳои нафту газ ва дастгоҳҳои пармакорӣ фаъолият менамоянд;

– заводҳои тухм, тухмтозанамой ва калибровӣ;

– заводҳои бойторию санитарӣ, партовтозанамойҳо;

– устохона, коргоҳҳои истеҳсолӣ, нашриёт, яхдонҳо, базаҳои истеҳсолӣ ва таъмирӣ;

– ташкилотҳои сохтмонии ҳисоби хоҷагидорӣ, корҳои сохтмонию васлгарӣ, нақлиёти ёридиҳанда, иншоотҳои ёрирасон, ки ба сохтмон хизмат мекунанд;



– муассисаҳои роҳи оҳан, об, автомобилӣ, ҳавоӣ, қубургузар ва нақлиёти шаҳрӣ (заводҳои таъмирии роҳи оҳан, трамвай, троллейбус ва автобус, депо ва парк, роҳҳо, истгоҳҳо, семафорҳо, иншоотҳои ба хелҳо ҷудокунандаи мошинӣ, портҳои баҳрӣ ва дарёӣ, базаҳои интиқолдиҳанда, қубурҳои нафту газ, шоҳроҳҳо);

– заводҳои таъмирию механикӣ ва дигар ҷамъиятҳои ташкилоти саноатӣ;

– муассисаҳои алоқа (истгоҳҳои радио, марказҳои телевизион, шабака ва нуқтаҳои телефонию телеграфӣ, ретрансляторҳо, почтаҳо, иншоотҳои радифӣ, алоқаи нахию нурӣ ва истгоҳҳои телефонӣ), амалиётгарони алоқаҳои сотовӣ;

– заводҳо ва нуқтаҳои пахта, аз ҷумла истифодабарандагони хоҷагии деҳот;

– иттиҳодияҳои илмию истеҳсолии мансуб ба хоҷагиҳои деҳот;

– идораи таълимию таҷрибавӣва таҷрибавию истеҳсолии хоҷагиҳои озмоишӣ, муассисаҳои илмӣ ва илмию истеҳсолӣ оид ба хоҷагии деҳот; комбинатҳои (коргоҳҳо) истеҳсолии маҳсулоти нонпазӣ, қаннодӣ ва макаронбарорӣ; коргоҳҳои коркарди маҳсулоти хоҷагии деҳот (осиёб, ҷувоз, тухмитозанамой, равғанкашӣ), маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ, коркарди маводҳои сохтмонӣ (семенблок, сангҳо барои фарши роҳравҳо), устохонаҳои дуредгарӣ, коргоҳҳои пахтатозанамой;

– фермаҳои паррандапарварӣ ва истеҳсолкунандаи маҳсулоти ширӣ;

– идораҳои давлатӣ, федератсияҳои иттифоқи касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шӯъбаҳои онҳо;

– истгоҳҳои роҳи оҳан, вокзал, бандаргоҳ, истгоҳҳои автобус, майдонҳои парвоз, фурудгоҳҳо;

– муассисаҳои таълимӣ (мактаб, мактаб-интернат, гимназия, литсей, коллеҷ, марказҳои омӯзишӣ, мактабҳои олӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, омузишгоҳҳои ҳарбӣ, динӣ ва ғайра);

– мактабҳои варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ, толорҳои варзиш ва дигар иншоотҳои варзишӣ;

– боғчаҳои бачагона, боғча, хонаҳои кӯдакон, истироҳатгоҳҳо ва дигар муассисаҳои бачагона;

– муассисаҳои табобатӣ, (марказҳои ташхисӣ, тиббӣ, поликлиника, беморхона, машваратхонаҳои тиббӣ, таваллудхона,

санатория, профилактория, марказҳои муоличавию ташхисӣ ва озмоишгоҳҳо);

– хонаҳои пиронсолон ва маъюбон;

– китобхонаю толорҳои хониш, намоишгоҳҳо, озмоишгоҳҳои кайҳонӣ, галерея;

– киностудия, театр, кинотеатр, сирк ва ташкилотҳои намоишдиҳанда;

– биноҳои бозӣ, казино, блиярд, дискотека, клубҳо аз он ҷумла дар деҳот;

– гараж ва кооперативҳои гаражӣ, истгоҳҳо ва нуқтаҳои хизматрасонии техникии автомошинҳо, нуқтаҳои кироя;

– ташкилотҳои байналхалқӣ, намояндагӣ сафоратхонаҳо ва машваратхонаҳои давлатҳои хориҷӣ, аз он ҷумла ИДМ, ҳамчунин ташкилотҳои башардӯстона (фондҳо);

– боғҳои маданӣ-фарҳангӣ, истироҳатӣ, боғи ҳайвонот, боғҳои ботаникӣ, варзишгоҳҳо, базаҳои туристӣ, минтақаҳои истироҳатӣ;

– қисмҳои ҳарбӣ бо ҳама хадамотҳояш, биноҳои истиқоматии казармамонанд ва биноҳои махсуси ҳарбӣ-хизматӣ;

– муассисаҳои фарҳангии динӣ (масҷид, серков, калисо);

– муассисаҳои хизмати маишӣ;

– неруи барқе, ки барои лавҳаҳои реклама (овезаҳо, эълонҳо, номалавҳаҳо) сарф карда мешаванд;

– меҳмонхонаҳо, мотелҳо ва кемпингҳо;

– тамоми намуди мағозаҳои (фурӯшимаҳсулот, саноатӣ, махсусгардонидашуда, супермаркетҳо, комиссионӣ, нуқтаҳои хариду фурӯш, дорухонаҳо, мағозаи китоб, мағозаҳои ба савдо барорандаи маҳсулоти табобатӣ ва оптикӣ);

– бозорҳо, намоишгоҳҳо, дӯконча, хаймаҳо, автолавкаҳо, намоишгоҳои фурӯши мавсимӣ, киоскҳо (аз он ҷумла китобфурӯшӣ маҷаллафурӯшӣ, чиптафурӯшӣ, доруфурӯшӣ);

– анборҳои тиҷоратӣ, бозорҳои яклухтфурӯшӣ, бозорҳои чаканафурӯшӣ, (анбор, базаҳои яклухтфурӯшӣ, ташкилотҳои китобфурӯшӣ, ва ҳамчунин фурӯши маҳсулоти гуногун, маводҳои сохтмонӣ, чӯбу тахта, сӯзишворӣ) базаҳои сабзавотнигоҳдорӣ ва меванигоҳдорӣ);

– ошхона, қаҳвахона, чойхона, тарабхона, барҳо, ошхонаҳои хурд, ошхонаҳои завод, фабрика, комбинатҳо, танӯрҳои нонпазӣ, самбӯсапазӣ ва кулчақандпазӣ;



– ошхонаҳои донишҷӯён, ошхонаҳои мактабӣ, ошхонаҳое, ки аз рӯи ҳуҷҷат ва ё роҳхатҳои муоличавӣ хизмат мерасонанд, беморхона, поликлиника, профилактория, машваратхонаҳо, таваллудхона, хонаҳои пиронсолон ва маъюбон;

– бонкҳо, биржаҳо, офис ва намояндагии ширкатҳо, идораҳо (новобаста аз шакли ташкилиашон), шаҳрвандони ба савдо ва хизматрасонии муштариён машғул;

– институтҳои таткикотию илмӣ, лоиҳакашӣ, иктишофӣ, марказҳои ҳисоббарорӣ, озмоишгоҳҳо, бюрои конструкторӣ ва лоиҳакашию иктишофӣ;

– нуқтаҳои таъминкунандаи бензину газ ва компрессории автомобилӣ;

– муассисаҳои хоҷагии аграрӣ, кооперативҳои хоҷагии аграрӣ, хоҷагиҳои иҷоравӣ, деҳқонӣ, фермерӣ, инфиродӣ;

– иттиҳодияҳои байнихоҷагӣ;

– ассотсиатсия, муассиса, ташкилот ва ҷамъиятҳои хоҷагиҳои деҳот;

– иттиҳодияҳои истеҳсолӣ, илмию истеҳсолӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо оид ба хизматрасонии истеҳсолию техникӣ, агрохимиявӣ, бойторӣ ва намудҳои дигари хизматрасонӣ;

– гармхона, парвардахона, комбинатҳои ниҳолпарварӣ;

– хоҷагиҳои тайёркунандаи хӯроки чорво;

– парвардахонаҳои ҳайвоноти хушзот, чойҳои ниҳолпарварӣ, саисхонаҳо;

– коргоҳҳои пиллахушкнамоӣ, пиёзхушкнамоӣ, парвардахонаҳои нахи пилла;

– хоҷагиҳои моҳипарварӣ, парваришгоҳҳои моҳӣ ва ғайра;

– хоҷагиҳои занбӯриасалпарварӣ, фермаҳои занбӯрпарварӣ, иттиҳодияҳо ва фермаҳои занбӯрпарварӣ;

– марказҳои тадқиқоти навъҳо, истгоҳҳои таҷрибавӣ ва селексионерии тухму дон, лубиёгӣ, техникӣ, сабзавотӣ, маҳсулоти меваҳои буттагӣ, ангурпарварӣ, растаниҳои гулу декоративӣ, лаблабӯи қанд, канабпарварӣ, хоҷагиҳои тухмипарварӣ, иттиҳодия ва хоҷагиҳои коркарди тухмӣ ва меваҳои буттагӣ, озмоишгоҳҳои назорати тухмӣ ва агрохимиявӣ, назоратчии тухмӣ, марказҳои таҷрибавии истеҳсолии минтақавӣ ва вилоятӣ;

– парваришгоҳҳои меваҳо, меваҳои буттагӣ ангурпарварӣ, тутзорҳо, декоративӣ, ва ниҳолпарварӣ, марказҳои боғпарварӣ, хоҷагиҳои гулпарварӣ, боғҳои ботаникӣ;

– муассисаҳою хоҷагии аграрӣ оид ба парвариши ашёи хоми доруворӣ ва техникӣ, базаҳои таҷрибавӣ ва озмоишии растаниҳои доруворӣ;

– марказҳои ҳифзи растанӣ, гурӯҳҳо ва экспедитсияҳо оид ба мубориза зидди бемориҳои сироятии растаниҳо, экспедитсияи биологӣчиҳати мубориза бар зидди алафҳои бегона;

– гурӯҳҳои тамизкорӣ (фулигатсия), озмоишгоҳҳои истеҳсолӣ ва илмию истеҳсолии биологӣ ва назорати технологӣ, базаҳои озмоишӣ, озмоишгоҳҳо (бахшҳо), пешгӯиҳо ва ташхисҳои бемориҳои сирояткунандаи растаниҳо, нуқтаҳои огоҳнамоии пайдоиши ҳашароти зараровар ва бемории растанихо, истгоҳҳо, озмоишгоҳҳои биологӣ ва махсусгардонидашудаи карантинӣ;

– хоҷагиҳои ҷангал, ҷангалпарварӣ, ҷангалзор, мамнӯъгоҳҳо, хоҷагиҳои шикори ҳайвонот, хоҷагиҳои сайёдию шикорӣ, муассисаҳои чӯбу тахтабарорӣ, фармоишгарони ҳифзи ҳайвоноти шикоршаванда, парваришгоҳҳои ҳайвоноти шикоршаванда, парваришгоҳҳои ҳайвоноти мӯинадор, сагҳо, хоҷагиҳои харгӯшпарварӣ, хоҷагиҳои парвариши ҳайвоноти ваҳшӣ;

– озмоишгоҳҳои бойторӣ, (қитъа, нуқтаҳо) дорухонаҳои бойторӣ, поликлиникаҳои бойторӣ, табобатгоҳҳои бойторӣ, гурӯҳҳои эпизоотӣ, экспедитсияи бруселиёзӣ, нуқтаҳои мубориза бар зидди бемориҳои ҳайвоноти хоҷагии деҳот, истгоҳҳои бойторию санитарӣ, марказҳои назорати гӯшту шир ва ғизоӣ, минтақаҳои нақлиётии бойторӣ, нуқтаҳои кӯчонидани ҳайвонот, нуқтаҳои назоратию тафтишотии истеҳсолкунандагон, озмоишгоҳҳои радиологии хоҷагиҳои деҳот;

– хоҷагиҳои нақлиётӣ, муассиса ва ташкилотҳои таъмирию механикӣ ва таъмирию хизматрасонӣ дар хоҷагиҳои деҳот;

– гаражҳо, паркҳои нигоҳдошти мошин ва трактор, устохонаҳои хоҷагиҳои деҳот оид ба таъмири мошин ва механизмҳои хоҷагиҳои деҳот, техникаҳои шудгор ва обёринамой, истгоҳҳои хизматрасонии техникӣ, парки мошин ва тракторҳо, автомобилҳо, заминковҳо ва техникаҳои обёрикунанда, истгоҳҳои санҷиши мошин ва хоҷагиҳои таҷрибавии онҳо, гурӯҳҳо, коргоҳҳо, трестҳо оид ба механизатсияи чорвопарварӣ;



Танҳо ҳангоми таҳвили неруи барқ ба истифодабарандагони хоҷагии деҳот, тарифе ки дар банди 1.3.1 нишон дода шудааст, барои зарурияти истеҳсолӣ сарф карда мешавад. Вобаста ба зарурияти истеҳсолӣ дар назар дошта шудааст:

а) кори моторҳои барқӣ ва дигар ҷараёнқабулкунандаҳои таъиноти истеҳсолӣ (технологӣ) дошта;

б) чароғон намудани биноҳои истеҳсолӣ ва атрофи онҳо (фермаҳо, коргоҳҳо, устохонаҳо, анборҳо, гараж, чойҳои нигоҳдории озуқаворӣ, саҳн ва майдонҳои нигоҳдории мошинҳо ва чорво).

**Замимаи №2**

ба Нархномаи №09-01-2017

**Кам ё илова**

**намудан ба тарифи неруи барқ**

(дирам бе назардошти ААИ)

| Гурӯҳи истифодабарандагон | Илова барои истифодаи энергияи реактивӣ дар соатҳои зиёд будани сарборӣ дар шабакаҳои барқӣ. | | Илова барои генератсияи энергияи реактивӣба шабакаҳои системаи энергетикӣ дар соатҳои кам будани сарборӣ дар шабакаҳои барқи барои 1 кВар.соат | Кам кардан барои генератсияи энергияи реактивӣ дар шабакаҳои системаи энергетикӣ дар соатҳои сарбории зиёди шабакаҳои барқи ва барои истифодаи энергияи реактивӣ дар соатҳои сарбории ками шабакаҳои барқи. |
|---|---|---|---|---|
| | Истифодаи энергияи реактивӣ, ки аҳамияти иқтисодиро зиёд намекунад. | Истифодаи энергияи реактивӣ, ки аҳамияти иқтисодиро зиёд мекунад + | | |
| | Пардохт барои 1 кВар. соати истифодаи неруи барк | Пардохт барои 1 кВар. соати истифодаи неруи барқ | | |
| I | 0,51 | 1,41 | 2,10 | 0,34 |

«+» - танҳо дар бузургии зиёд истифода мешавад

**Замимаи №3**

ба Нархномаи №09-01-2017

Тарифҳо барои нерӯи гармӣ, ки дар шакли буғ дода мешавад

(сомони барои 1 Гкал бе назардошти ААИ)

<table>
<tr><th rowspan="3">Ташкилотҳои барқтаъминнамо</th><th colspan="6">Истифодабарандагони саноатӣ ва истифодабарандагони<br>ба онҳо баробар барои 1 Гкал</th><th>Хоҷагиҳои хонаҳои либосшӯӣ ва гармоба муассисаҳо и хушкашӯии химиявӣ</th></tr>
<tr><th colspan="5">Буғи хушсифат</th><th rowspan="2">Буғи тези редутсионӣ</th><th rowspan="2">Буғи хушсифат</th></tr>
<tr><th>От 1,2 до 2,5 ҳамчунин</th><th>Зиёда аз 2,5 то 7,0 ҳамчун</th><th>Зиёда аз 7,0 то 13,0 ҳамчун</th><th>Зиёда аз 13,0 то 21,0 хамчун</th><th>Зиёда аз 21,0</th></tr>
<tr><td>ШСХК «Барқи Тоҷик»</td><td>187,30</td><td>201,77</td><td>216,64</td><td>222,54</td><td>227,69</td><td>234,73</td><td>216,64</td></tr>
</table>